**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ, ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ ТАҲТИ №107 МАВҚЕЪ ДОРАД.**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОНРО ИНТИХОБ НАМО ВА ОРЗУҲОЯТРО АМАЛӢ ГАРДОН!**

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

22 январи соли 2020

№1 (116)

**Маориф асоси рушду тараққиёти ҳар як давлату миллат мебошад. Зеро рушду нумуи ҷомеа, таъмини амнияти ҷомеаву давлат ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, татбиқи дастовардҳои техника ва технологияҳои иттилоотӣ бевосита ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди бонизом ва сифати таълиму тарбияи хонандагон вобаста мебошад.**

*Эмомалӣ Раҳмон*




Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тибқи Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 1990 фаъолият менамояд.

Донишгоҳ яке аз мактабҳои олии бонуфузи кишвар буда, дар тарбия ва тайёр кардани мутахассисони варзидаи дорои тахассуси олӣ дар риштаҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва дизайн саҳми арзанда дорад.

Айни замон дар сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара, Гимназия дар шаҳри Кӯлоб ва Литсейи инноватсионии "Душанбе" фаъолият доранд.

Донишгоҳ ҳамкориҳои судмандро бо беш аз 95 таълимгоҳҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст.

Дар донишгоҳ Маркази эҷодиёт ва ихтирооти техникии донишҷӯён таъсис дода шудааст, ки дар доираи он донишҷӯёни болаёқат дар чаҳорчӯбаи барномаи ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳо ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб мегарданд.

Инчунин бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2018) дар донишгоҳ Маркази ҳунарҳои мардумӣ таъсис ёфт, ки дар сатҳи зарурӣ фаъолият намуда истодааст.

**Довталабони арҷманд!**

**Шумо бо ёрии барномаҳои Skype ва М-Агент тариқи онлайн метавонед бо кормандони ДТТ суҳбат намоед.**

**Суроға дар Skype: dovtalab_dtt**

**Суроға дар М-Агент: dovtalab_dtt@mail.ru**

**Хоҳишмандем ҳангоми интихоби таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

## ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ

Довталабони гиромӣ, аксарияти Шумо зодаи даврони соҳибистиқлолии кишвар ҳастед. Ва маҳз дар ҳамин давра ба камол расида, алҳол барои гирифтани маълумоти олӣ ва соҳибкасб шудан омодагӣ дида истодаед.



Довталабони азиз, бо шарофати Истиқлолияти давлатии кишвар ва сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шумораи мактабҳои олӣ сол то сол афзуда истодааст ва ин падидаи нек аз ғамхориҳои ҳамешагии давлату Ҳукумат нисбати рушди соҳаҳои илму маориф ва ҷалби ҷавонон ба он башорат медиҳад.

Акнун муҳим он аст, ки Шумо дар интихоби касб кадом мактаби олиро интихоб мекунед. Албатта, онеро интихоб мекунед, ки дорои заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ, иқтидори кадрӣ, яъне омӯзгорону профессорони варзида, синфхонаю озмоишгоҳҳои бо таҷҳизоти техникии муосир ҷиҳозонидашуда, китобхонаи замонавии электронию марказҳои компютеридошта, хуллас донишгоҳе, ки дорои шароитҳои беҳтарини таълиму тарбия бошад.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз зумраи чунин мактабҳои олии кишвар буда, барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир имкониятҳои зиёд дорад.

Ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ тамоми донишу маҳорат ва малакаи касбиашонро баҳри амалӣ гардонидани дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус ҷиҳати саноатикунонии босуръат, ки ҳадафи чоруми миллӣ маҳсуб меёбад ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф" равона карда истодаанд. Аз ин рӯ, бо боварӣ гуфта метавонам, ки ҳайати устодону профессорони донишгоҳ орзуҳои шуморо пурра амалӣ мегардонанд.

Роҳбарияти донишгоҳ боварӣ доранд, ки Шумо хатмкунандагони мактабу литсейҳо, гимназияю коллеҷҳо ва довталабони солҳои қаблӣ имтиҳонҳоро аз тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият супорида, донишҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мегардед.

Дар ин роҳ ба ҳар кадоми Шумо барору комёбӣ таманно дорам.

***Амонзода Илҳом Темур,***
***ректори донишгоҳ***



## Чаро ман маҳз Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб мекунам?

**Барои он ки:**

**• Ҳамқадами технологияи асри XXI аст.**

**• Дорои заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ, аз ҷумла 18 озмоишгоҳи илмӣ-тахассусӣ, синфхонаҳои компютерӣ, синфхонаҳои бо технологияҳои мултимедиявӣ ва озмоишгоҳҳои тахассусии бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳазгардида, 890 компютер, иқтидори хуби кадрӣ, 41 барномаи таълимӣ мебошад.**

**• Фароҳамсозандаи имкониятҳо ба таҳсилоти байналмилалист.**

**• Созандаи ҷомеаи донишбунёд ва фановарӣ мебошад.**

**• Танҳо дар 5 соли охир соҳиби 100 стипендияи номӣ, аз ҷумла 20 стипендияи Президентӣ ва 80 стипендияи байналмилалӣ гардидааст.**

**• Соле ду маротиба озмуни "Ихтироъкор ва навовари ҷавон"- ро баргузор менамояд.**

**• Дар баробари олимону омӯзгорони ватанӣ мутахассисони варзидаи хориҷиро низ ҷалб менамояд.**

**• Дорои хобгоҳи ҳозиразамон буда, дар он 4 хонаи фарҳангӣ бо мебел ва телевизорҳо муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.**

**• Донишгоҳ танҳо соли 2019 бо 18 донишгоҳи кишварҳои хориҷа созишномаҳо ба имзо расонида, дар доираи барномаи таҳсилоти Иттиҳоди Аврупо Эрасмус+К-1 "Мубодилаи академии донишҷӯён ва устодон" низ бо 7 донишгоҳи Иттиҳоди Аврупо созишномаҳои ҳамкориро ба роҳ мондааст.**

**• Донишҷӯёни боистеъдод барои моликияти зеҳнӣ ва дигар дастовардҳояшон қадрдонӣ карда мешаванд.**

**• Дар баробари таълиму тарбия ба соҳаи варзиш таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.**

# ДТТ ДАР РАҚАМҲО

Донишгоҳ дорои 13 кафедраи тахассусӣ ва 6 кафедраи умумитаълимӣ мебошад. Аз 288 нафар омӯзгорон 146 нафарашон соҳиби дараҷа ва унвони илмӣ, аз ҷумла 20 нафар доктор ва 126 нафар номзадҳои илм мебошанд.

* * *

Аз 3174 нафар донишҷӯ 3105 нафар сессияи имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2018-2019-ро супориданд, ки ин 97,8-ро ташкил медиҳад.

* * *

Се барномаи таълимӣ: 1-250104 - молия ва қарз, 1-250103 - иқтисоди ҷаҳон ва 1-49010202 - технология шир ва маҳсулоти ширӣ барои ташхис ва таҳлили Агентии байналмилалии аккредитатсия ва рейтингҳо ирсол карда шудааст.

* * *

Дар соли 2019 8 китоби дарсӣ, 14 монография, 27 дастури таълимӣ ва 95 дастури методӣ аз чоп бароварда шуд.

* * *

Олимону омӯзгорони донишгоҳ дар соли 2019 соҳиби 6 патенти ихтироот ва 4 санади татбиқӣ гардиданд.

* * *

Доктори илмҳои техникӣ Холназар Иброгимов ҳамчун Ихтироъкори беҳтарини ҶТ аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ бо медали WIPO-2019 қадрдонӣ карда шуд.

* * *

Номзади илми кимиё Мавзуна Шарипова дар форуми байналмилалии занҳои ихтироъкор "kiwie-2019" сазовори Дипломи дараҷаи 3-юм ва медали биринҷӣ гардид.

* * *

Гулрухсор Умарова, номзади илмҳои санъатшиносӣ дар фестивал-озмуни занони ҳунарманд ва конгресси байналмилалии санъат ва ҳунарҳои милии занон ҷойи аввалро соҳиб шуд.

* * *

Донишҷӯи курси 3-юми факултети иқтисод ва молия Ҷаъфар Сироҷов дар Озмуни илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ "Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2019" сазовори ҷойи 3-юм гардид.

* * *

Донишҷӯёни донишгоҳ Рустам Алиев дар соҳаи техника ва Фариза Саидова дар соҳаи Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ бо ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ қадрдонӣ шуданд.

* * *

Дар соли 2019 аз ҷониби масъулини корҳои тарбиявӣ зиёда аз 214 вохӯрӣ, мизи мудаввар ва семинарҳо гузаронида шуданд.

* * *

Дар ДТТ ҳар сол ду маротиба озмуни "Ихтироъкорони ҷавон ва лоиҳаҳои инноватсионӣ" баргузор мегардад. Барои ғолибони ҷойи якум - 1500 сомонӣ, ҷойи дуюм - 1000 сомонӣ ва ҷойи сеюм - 700 сомонӣ муқаррар карда шудааст.





Дар сурат: мутахассиси куриёгӣ Ёнг Ҳо Пак - омӯзгори технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми дарс

## ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁНРО БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2020-2021 АЗ РӮЙИ 39 ИХТИСОС ЭЪЛОН МЕНАМОЯД. ДОНИШҶӮЁН МЕТАВОНАНД ДАР ДОНИШГОҲ АЗ РӮЙИ ШАКЛИ ТАҲСИЛИ РОЙГОН ВА ПУЛАКӢ, ДАР ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА Ё ФОСИЛАВӢ - ҒОИБОНА ТАҲСИЛ НАМОЯНД.

### Номгӯи ихтисосҳо ва нархи таҳсили як донишҷӯ барои шуъбаҳои рӯзона ва фосилавӣ - ғоибона барои қабули соли таҳсили 2020-2021

| Ихтисосҳо ва тахассусҳо | | Шакли таҳсил | Мабл. таҳсил, сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) ва (саноати хӯрока) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | |
| 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | 1 |
| 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | 1 |
| 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1-1901010202 | Дизайни интерер | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-19010105 | Дизайн (костюм ва газвор) | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-50010101 | Ресидани нахи табиӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | |
| 1-50 01 01 08 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти нахҳои табиӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | |
| 1-50 01 01 09 | Технологияи маводҳои нассоҷӣ | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | |
| 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | |
| 154010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3500 | |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ** | | | | |
| 1-40010101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет - технологияҳо | Рӯзона | 5280 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 04 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1-0801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика). | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-08010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн). | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-43010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ** | | | | |
| 1-25010104 | Иқтисодиёти инкишофи илмию технологӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-2501072201 | Иқтисодиёт ва идораи захираҳои обӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3900 | |
| 1-26020210 | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН** | | | | |
| 1-360701 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ | Рӯзона | 5300 | 1 |
| 1-700501 | Лоиҳакашӣ, иншоот ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | Рӯзона | 5300 | 1 |

*Эзоҳ:* Вобаста аз сатҳи таваррум маблағи таҳсил метавонад тағйир ёбад.

## Нақшаи қабул ба магистратураи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2020-2021 ба шуъбаи рӯзона

| № | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | ТИБҚИ ИҶОЗАТНОМА | НАҚШАИ ҚАБУЛ | ШУЪБАИ РӮЗОНА | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Буҷавӣ | | | | Шартномавӣ | | | | |
| | | | | | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | Ҳамагӣ |
| Магистратура аз рӯи ихтисосҳо | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | 1-08010107(01) | Таълимоти касбӣ (информатика). Система ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, системаи мобилӣ, алоқаи моҳворавӣ ва радиотехника | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 2 | 1-08010107(02) | Таълимоти касбӣ (информатика). Дизайни компютерӣ, технологияи интернет ва мултимедия | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 3 | 1-19010105 | Дизайни костюм ва газвор | 10 | 10 | - | 3 | - | - | - | 7 | - | - | 10 |
| 4 | 1-250103 (01) | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 25 | 25 | - | 5 | - | - | - | 20 | - | - | 25 |
| 5 | 1-250104 (10) | Молия ва қарз | 25 | 25 | - | 5 | - | - | - | 20 | - | - | 25 |
| 6 | 1-25010707 | Идораи лоиҳаҳо | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 7 | 1-250107 (11) | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 15 | 15 | - | 3 | - | - | - | 12 | - | - | 15 |
| 8 | 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 9 | 1-26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 10 | 1-26020210 | Менҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 11 | 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 12 | 1-27010122 | Иқтисодиёт ва идораи захираҳои обӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 13 | 1-360901 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | 7 | 7 | - | 2 | - | - | - | 5 | - | - | 7 |
| 14 | 1-40010101 | Системаи компютерӣ ва Интернет-технология | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 15 | 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 16 | 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 17 | 1-490101 02, 03, 04,05 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хом | 8 | 8 | - | 2 | - | - | - | 6 | - | - | 8 |
| 18 | 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ | 9 | 9 | - | 2 | - | - | - | 7 | - | - | 9 |
| 19 | 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | 10 | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 20 | 1-50010101 | Ресидани нахи табиӣ | 8 | 8 | - | 2 | - | - | - | 6 | - | - | 8 |
| 21 | 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | 10 | 10 | - | 3 | - | - | - | 7 | - | - | 10 |
| 22 | 1-54010104 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | 10 | 10 | - | 3 | - | - | - | 7 | - | - | 10 |
| 23 | 1-54010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрока) | 10 | 10 | - | 3 | - | - | - | 7 | - | - | 10 |
| 24 | 1-91010101 | Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | 10 | 10 | - | 3 | - | - | - | 7 | - | - | 10 |
| Ҳамагӣ | | | 267 | 267 | - | 60 | - | - | - | 207 | - | - | 267 |

## Нақшаи қабул ба докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2020-2021

| № | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | ТИБҚИ ИҶОЗАТНОМА | НА? ШАИ ҚАБУЛ | ШУЪБАИ РӮЗОНА | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Буҷавӣ | | | | Шартномавӣ | | | | Ҳамагӣ |
| | | | | | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | |
| Докторантура аз рӯи ихтисосҳои (PhD) | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | **6D072400** | Мошинҳо, таҷҳизотҳои технологӣ (аз рӯи самтҳо): | 9 | 9 | 1 | 1 | - | - | 4 | 3 | - | - | 9 |
| 2 | **6D072410** | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати хӯрокворӣ) | 9 | 9 | 1 | 1 | - | - | 4 | 3 | - | - | 9 |
| 3 | **6D072411** | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати сабук) | 8 | 8 | 1 | 1 | - | - | 4 | 2 | - | - | 8 |
| 4 | **6D072700** | Технологияи маҳсулоти хӯрока (аз рӯи соҳаҳои татбиқ) | 9 | 9 | 1 | 1 | - | - | 4 | 3 | - | - | 9 |
| 5 | **6D073300** | Технология ва лоиҳакашии маснуоти нассоҷӣ | 9 | 9 | 1 | 1 | - | - | 4 | 3 | - | - | 9 |
| 6 | **6D070500** | Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ | 6 | 6 | 1 | 1 | - | - | 2 | 2 | - | - | 6 |
| 7 | **6D050601** | Назарияи иқтисод | 6 | 6 | 1 | - | - | - | 2 | 3 | - | - | 6 |
| 8 | **6D050701** | Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ (бо нишондодани ришта ва соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла иқтисод, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо; иқтисоди аҳолӣ ва демография; иқтисоди соҳибкорӣ) | 7 | 7 | 1 | 1 | - | - | 2 | 3 | - | - | 7 |
| **Ҳамагӣ** | | | **63** | **63** | **8** | 7 | - | - | **26** | **22** | - | - | **63** |

## ҒОЛИБОНИ ОЗМУНҲО




28 декабри соли 2019 дар толори меҳмонхонаи "Hyatt Regency" аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбасти маросими ҷоизасупории як қатор озмунҳои ҷумҳуриявии соҳаи ҷавонон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ гузаронида шуд, ки дар он ғолибон бо ҷоиза, диплом ва сипосномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Аз ҷумла, Саидова Фарида - донишҷӯи курси 3-юми донишгоҳ дар соҳаи санъат, тарроҳ, Алиев Рустам - донишҷӯи курси 3-юм дар соҳаи техника, технология, инноватсия, Муродов Зафар - донишҷӯи курси 5-ум дар соҳаи барномасозӣ бо диплом ва мукофоти молиявӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии "Таронаи донишҷӯӣ" донишҷӯи курси 2-юми донишгоҳ Фаррух Ашӯралиев сазовори ҷойи сеюм гардид.

Инчунин Саидзода Беҳрӯз донишҷӯи курси сеюм дар озмуни "Мақолаи беҳтарин" бо диплом сарфароз гардонида шуд.

## КИТОБИ НАВ

**Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.07.2019, № 9/42 ва қарори Шӯрои таълимию методии ДТТ китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ "Асосҳои кимиёи физикӣ ва коллоидӣ" (муаллиф н.и.к., дотс. Исмоилова М.А.) зери таҳрири н.и.т., и.в. проф. Ҳакимов Ғ.Қ. аз чоп баровардашуда, манзури хонандагон гардонида шуд.**






Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ, Даркушой кунӣ, на дарбандӣ.



Иштироки донишҷӯёни донишгоҳ дар конференсияи ҷумҳуриявӣ



Раванди баргузории имтиҳони фосилавии дуюм дар факултети муҳандисӣ-технологӣ



Иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёни факултети муҳандисӣ-технологӣ таҳти роҳбарии омӯзгори факултет

## МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИВУ КОММУНИКАТСИОНӢ



Рӯзи 24-уми сентябри соли 2019 дар донишгоҳ маросими кушодашавии макони нави Маркази технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Корея ва оғози лоиҳаи "Таълимоти барвақтии барномасозӣ (Software) барои ҷавонон" бо дастгирии молиявии ташкилоти куриёгии "Good Neighbors (Ҳамсояҳои нек)", баргузор гардид. Дар ин маросим Сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ли У Чол расман ширкат варзиданд.

Зимни баргузории мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои рушди ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимиро бо муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Корея ва тарҳрезӣ намудани лоиҳаҳои муштаракро дар ин самт баррасӣ намуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки лоиҳаи мазкур 7 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии кишварро фаро гирифта, ба тариқи ройгон курсҳои махсуси барномасозӣ барои мактаббачагон ва омӯзгорони мактабҳо гузаронида мешаванд.

= = 2019-2021 - солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ = =

## МАРКАЗИ ОМӮЗИШӢ-ТАЪЛИМӢ ОИД БА ДӮЗАНДАГӢ



**Аллакай, дар зарфи соли якуми эълон гардидани "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар деҳоти мамлакат як қатор пешравиҳо ба назар расида, рушди сайёҳӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта истодааст.**

***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)***



Дар асоси Барномаи ҷаҳонии нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (GTEX) дар Тоҷикистон дар донишгоҳ Маркази омӯзишӣ-таълимӣ оид ба дӯзандагӣ таъсис ёфт, ки дар амалигардонии ҳадафҳои солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 нақши арзанда гузошта метавонад.









Маҳсули дастони донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон




Расми хотиравӣ баъд аз баргузории маросими супоридани дипломҳо ба хатмкардагони соли 2019-и донишгоҳ







Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба соҳаи варзиш низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

САРМУҲАРРИР:
Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 4000 нусха.*